**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи илмии Султонзода Тоҷибой Султонӣ дар мавзӯи «Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик пешниҳод гардидааст.**

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ аз зумраи адибоне мебошад, ки дар тамоми давру замонҳо таваҷҷуҳи қишрҳои гуногуни ҷомеа ба асари безаволи ӯ «Маснавии маънавӣ» кам нашуда, балки бо гузашти қарнҳо афзуда истодааст. Маҳз ҳамин гуна таваҷҷуҳи хосу ом ба «Маснавии маънавӣ» буд, ки дар таърихи мактаби шарҳнигории адабиёти форсии тоҷикӣ раванди тозаи шарҳшиносии «Маснавии маънавӣ» рушд карда, ба як мактаби мустақил табдил ёфт.

Мактаби шарҳнигорӣ бар «Маснавии маънавӣ» асосан дар асри понздаҳуми мелодӣ арзи ҳастӣ намудааст ва макони тавлиди он Хоразм будааст. Чун ҷоҳу ҷалоли офаридгори «Маснавии маънавӣ» дар миёни аҳли назар, хосса мактабҳои мухталифи тасаввуф ва ирфон, бидуни муқоиса боқӣ мемонад, навиштани шарҳ ба «Маснавӣ»-и ӯ аз ҳудуди Хоразм убур кард ва дар Эрон, Туркия ва Ҳиндустон низ ривоҷ ёфт. Бинобар иттилооти муҳаққиқон, беш аз сад шарҳ ба забони форсӣ ва даҳҳо тарҷумаву шарҳ ба забонҳои туркӣ, урду, пашту, панҷобӣ, синдӣ, олмонӣ, инглисӣ, арабӣ ва даҳҳо мунтахаб аз он арзи ҳастӣ намуданд ва ҳамаи ин осор баёнгари муҳиммияти «Маснавиии маънавӣ» ва мақоми офаридгори он мебошад. Аммо ба ҷуз аз мақолот ва назарҳои ҷудогона, пажӯҳиши мукаммал ва илмии ин осор то ба ҳол ба таври густарда амалӣ нагардидааст ва ягона асар дар ин ҷода навиштаи муҳаққиқи эронӣ Ризо Шаҷарӣ, бо номи «Муаррифӣ ва нақду

таҳлили шарҳҳои «Маснавӣ» мебошад, ки ба феҳристи шарҳҳои «Маснавӣ» ва ба накду таҳлили чор шарҳи он («Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-и Камолуддини Хоразмӣ, «Фотеҳ-ул-абёт»-и Исмоили Анкаравӣ, «Шарҳи «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ»-и Рейналд Николсон ва «Шарҳи «Маснавӣ»-и шариф»-и Бадеуззамони Фурӯзонфар) бахшида шудааст.

Дар Тоҷикистон бошад, «ҳеҷ яке аз нусхаҳои хаттии шарҳҳои «Маснавии маънавӣ» нашр ва арзиши аслии онҳо муайян нашудааст ва табиист, ки мавриди таҳқиқ ҳам қарор нагирифтаанд» (рисола, саҳ. 9). Аз ин лиҳоз, диссертатсияи илмии Султонзода Тоҷибой Султонӣ дар мавзӯи «Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик пешниҳод гардидааст, аз ҷиҳати муҳтаво ва аҳамияти илмии хеш актуалӣ буда, иқдоми ҷадид дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад.

Қисмати муқаддимаи рисолаи илмӣ мувофиқи талаботи ин намуди корҳои илмӣ таҳия гардида, дар он муаллиф аз муҳиммияти интихоби мавзӯъ, дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои пажӯҳиш, бозёфтҳои илмӣ, метод ва методологияи тадқиқоти илмӣ, арзишҳои амалию назарии рисола ва ҳамчунон, масъалаҳои меҳварӣ барои дифоъ маълумот додааст. Бояд зикр кард, ки тамоми қисматҳои муқаддимавии рисола аз ҷиҳати масъалагузорӣ ва муаррифии онҳо дар доираи талабот ба ин гуна корҳои илмӣ таҳия гардида, мантиқан якдигарро тақвият мебахшанд. Бамаврид аст зикр гардад, ки муаллиф дар масъалаи омӯзиши сарчашмаҳо кӯшиши зиёдеро ба харҷ додааст ва новобаста ба дастрас набудани манобеи назарӣ ба се қисмати зайли он дастрасӣ пайдо намудаст:

а) мақолоти алоҳида, ки дар онҳо оид ба шарҳҳои «Маснавӣ» маълумоти муқаддамотӣ дода шудаанд;

б) шарҳнависӣ бар достонҳо ва ҳикоёти алоҳидаи «Маснавӣ»;

в) таҳияи фарҳанги луғоти «Маснавӣ» (с. 9).

Таҳлил ва муқоисаи ин манбаъҳо имкон додааст, то муаллифи кор мақсади асосии диссертатсияро, ки муаррифии шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ҳамчун нахустин шарҳи «Маснавии маънавӣ», муайян намудани арзиш ва вежагиҳо, таъсиру нуфуз ва ҷойгоҳи он дар ташаккули шарҳнигорӣ бар «Маснавӣ» мебошад (с. 10). муайян кунад. Вобаста ба ҳадафи асосии тадқиқ ҳафт номгӯйи вазифаҳо мушаххас шудаанд, ки талаби қисм ба қисм таҳлилу таҳқиқ намудани масъалаи мавриди пажӯҳишро пеш мегузоранд. Дар навбати худ, вазифаҳои муайяншуда боис гардиданд, то нуктаҳои меҳварӣ барои дифоъ шакл гиранд. Бинобар мушоҳидаи мо, чи вазифаҳо ва чи нуктаҳои меҳварии дифоъ барои ҳалли се масъалаи асосии рисолаи илмӣ равона гардидаанд:

Аввалан, таҳлилу баррасии масъалаҳои марбут ба нахустин падидаҳои ташаккул, таҳаввул ва интишори шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ», заминаҳои пайдоиш ва анвои он, ҳамчунон сарчашмаҳои фикрии шореҳон.

Дуюм, таҳқиқи равишҳои шарҳнигории мактабҳои мухталифи «Маснавӣ»-шиносӣ дар Осиёи Сағир, Ҳиндустон ва Эрон, пайвандҳои фикрии шореҳони «Маснавӣ» ва муайян кардани мақоми шарҳҳо дар маърифати «Маснавии маънавӣ».

Сеюм, таъйини нақш ва мақоми «Ҷавоҳир-ул-асрор» дар муайян намудани равишҳои шарҳнигорӣ бар «Маснавӣ», сарчашмаҳои мавриди истифодаи шореҳи хоразмӣ ва шеваҳои шарҳнигорӣ дар «Ҷавоҳир-ул-асрор», таъсир ва нуфузи шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор» дар ташаккули мактаби шарҳнигорӣ бар «Маснавӣ» ва мақоми он дар маърифати «Маснавии маънавӣ».

Дар дохили масъалаи сеюм муаллифи диссертатсия дар мавриди муайян намудани шахсият, муҳити эҷодӣ, ҷаҳоншиносӣ ва чеҳраи ҳунарии Камолуддини Хоразмӣ тамаркуз намудаст. Маҳз тавассути таҳлили сарчашмаҳои адабию таърихӣ ба муаллифи рисола даст додааст, то ихтилофи назарҳо дар шинохти ду шахсияти ҳамномро аз миён бардорад. Чунин натиҷа боис мегардад, то ба як масъалаи дигари баҳсталаби адабиётшиносии тоҷик нуқтаи таммат гузошта шавад.

Се нуктаи зикргаргардидаи меҳварӣ, бо дарбаргирии масъалаҳои ёридиҳанда барои таҳлили илмии онҳо, дар чаҳор боби асосии дисссертатсияи доктории Султонзода Тоҷибой - «Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ» ҳаллу фасл гардидаанд. Дар заминаи мутолиа ва таҳлили бобҳову зербобҳои рисолаи Султонзода Т.С. нақш ва арзиши онро барои илми адабиётшиносии тоҷик чунин баён кардан бамаврид аст:

Боби якуми рисола «Сайри таърихии шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ» тасмия шуда, се фаслро дар бар мегирад («Аввалин шореҳони «Маснавӣ» (с. 15-33), «Оғози шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ» дар Мовароуннаҳру Хуросон» (с. 33-43), «Шарҳҳои «Маснавии маънавӣ» ва анвои он (с. 43-50) аз ҷиҳати дарбаргирии мавзӯъ ва ҳаллу фасли он барои адабиётшиносии тоҷик арзиши махсус дорад. Боби мутазаккира таҳлили раванди пайдоиш, таҳаввул ва интишори фаъолияти шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ»-ро барои илми имрӯзаи тоҷик .пешниҳод менамояд, ки дар собиқа мавҷуд набудааст.

Арзиши боби дуюми диссертатсия («Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва нақду таҳлили «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и ӯ») на танҳо барои адабиётшиносии тоҷик, балки барои эроншиносӣ низ бебаҳс ва мондагор аст. Ин боб, ки аз ҳафт фасл ва фасли шашумаш, дар навбати худ, аз чор зерфасл фароҳам

омадааст, муаллифи диссертатсия роҷеъ ба ҳаёту рӯзгор, ҳунари шоирӣ, сабабҳои таълиф ва равишҳои шарҳи Хоразмӣ, тафсирҳои дохилӣ, сарчашмаҳои шарҳ, сабку услуб ва абзори эҷоди ин асари зиқимат таҳлили мукаммали илмиро барои аҳли таҳқиқ манзур намудааст. Дар мисоли таҳлили ҳаматарафаи аввалин шарҳи «Маснавӣ» - «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-и Камолиддин Ҳусайни Хоразмӣ, нахустин бор мақом, арзишу аҳамият, заминаҳои ташаккулу таҳаввул ва ҷойгоҳи шарҳҳо дар таърихи тамаддуни чанд миллат, хосса миллатҳои тоҷик, эронӣ, ҳиндӣ ва туркӣ муайян гардидааст.

Бобҳои сеюму чоруми диссертатсияи илмӣ ба масъалаи интишори анъанаи шарҳнависӣ ба «Маснавии маънавӣ» дар Шибҳи қораи Ҳинд ва Осиёи Сағир бахшида шудааст. Таҳияи як навъ тартиби замонӣ ё худ хронологияи интишори шарҳнависӣ ба «Маснавӣ», арзиши назарӣ ва таҳлили шарҳҳои шореҳони Шибҳи қораи Ҳинд ва Осиёи Сағир, бо дарназардошти таъсирпазирии онҳо аз «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ, қимати амалии ин бобҳоро барои эроншиносӣ дар умум ва барои адабиётшиносии тоҷик ба таври алоҳида фароҳам овардаанд.

Арзиши илмии дигари қобили таҳсини диссертатсия он аст, ки муаллиф танҳо ба тафсиру ташреҳи шарҳҳои «Маснавӣ» напардохта, балки муқоисаи онҳоро дар миён мегузорад ва тасдиқу инкори худро нисбат ба андешаи ин ё он муаллифи шарҳ иброз медорад. Бар замми ин, дар фарҷоми таҳлилу тафсири ҳар шарҳ аҳамияти ҳар сарчашма барои шарҳҳои минбаъда қайд мегардад, ки ин амалкард алоқаи мантиқӣ ва илмии фаслҳои диссертатсияро таъмин намудааст.

Диссертатсияи барои ҳимоя пешниҳодшуда дорои арзиш ва муҳассаноти зиёди илмӣ мебошад ва ба назари инҷониб, тарҷумаи он ба забонҳои туркӣ,

озарӣ, ҳиндӣ ва баргардони он ба алифбои форсӣ боиси саҳмгузории назарраси адабиётшиносии тоҷик дар тамаддуни ин миллатҳо хоҳад шуд.

Бо вуҷуди чунин арзишҳо, дар диссертатсия баъзе заъф ва норасоиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо ҳам ба арзиши диссертатсия меафзояд ва ҳам барои пешниҳоди он ба доираи васеъи аҳли илм мусоидат хоҳад намуд. Аз ҷумла:

1) Илова бар он ки дар диссертатсия баъзе ғалатҳои ҷузъии техникӣ, имлоӣ, пунктуатсионӣ мавҷуданд, ҳамчунин дар оғози он, бахусус дар фасли аввали боби аввал, шеваи баёни муаллиф навъе аз осори бадеӣ ё илмӣ-оммавиро ба андеша меорад (с. 15). Лозим буд, ки муаллиф ҷумлаҳои муқаддимавиро дар хусусии шарҳи худи Мавлоно бар «Маснавӣ»-и хеш меоварад, то асли мақсади фасл барои хонанда ошкор гардад.
2) Зикри «Куллиёти Шамс» дар шакли «Ғазалиёти Шамс» (с. 18, 25) хилофи номгӯйи сарчашма дар қисмати «Китобнома»-и диссертатсия омада, ҳамчунин ёдкарди асари дигари Мавлоно ба гунаи «Фиҳӣ мо фиҳӣ» чандон саҳеҳ ба назар намерасад, тарзи дурусти навишти он бояд «Фиҳи мо фиҳ» бошад.
3) Баъзе ҷумлаҳо дар диссертатсия аз ҷиҳати маънову мантиқ нопурра ва аз ҷиҳати сарфу наҳв берун аз талабот ба назар мерасанд. Ба ҳайси мисол, ба ҷумлаи зерин таваҷҷуҳ шавад: «Яке аз сарчашмаҳо «Рисолаи Сипаҳсолор» мебошад, ки баъд аз даргузашти Мавлоно низ таваҷҷуҳ ба осор ва кӯшиш дар шинохти шахсияти маънавӣ ва ирфонии вай дар сарзамини Осиёи Сағир ва махсусан дар Қуния бештар шуд» (с. 24). Инчунин, мантиқи баъзе азибораҳо, ки муаллифи рисола истифода намудааст, номафҳум мемонанд. Чунончи, мафҳуми ибораи «сарчашмаи ҷаҳони фикрии ӯ» дар ҷумлаи «Рисолаи Сипаҳсолор, гузашта аз он ки ҷанбаи манқабатомез дошта, муҳимтарин ва дақиқтарин манбаъ дар

бораи зиндагии Мавлоно ба шумор меравад, ҳамчунин сарчашмаи ҷаҳони фикрии ӯ мебошад» (с. 25).

4) Дар баъзе аз ҷумлаҳо ва иборахои диссертатсия авсофи берун аз талаботи кори илмӣ ба назар мерасанд, ки бояд аз онҳо худдорӣ варзид. Масалан: «...бузургтарин муҳаққиқи афкору андешаи Мавлоно Ҷалолуддин – донишманди беназир хонум Шиммел...» (с. 29).
5) Баъзан дар диссертатсия унвони «Маснавии маънавӣ» дар шакли *маснавӣ* (бе нохунак ва бо ҳарфи хурд, с. 32) зикр гардидааст, ки ба фикри инҷониб дур аз иштибоҳ нест. Ба ин тарз ишора шудани асари мазбур на унвони онро ифода мекунад, балки бештар чун жанри адабӣ мафҳум мешавад. Чунин иштибоҳот дар номи бархе аз шарҳҳо ҳам омадааст, чунончи: «Латоиф-ул-маънавӣ фӣ ҳақоиқи-л-<u>маснавӣ</u>» (с. 189, 194), «Миръот-ул-<u>маснавӣ</u>» (с. 282), «Фарҳанги маснавӣ» (с. 287). Ба андешаи инҷониб, калимаи «маснавӣ» бояд дар ин ановин чун номи «Маснавӣ» мувофиқи талаботи наҳви забони тоҷикӣ бо ҳарфи калон навишта мешуд.

Бояд арз дошт, ки камбудиҳои манзуршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро муаллифи он вазифаҳои дар назди худ гузоштаро бомуваффақият ба иҷро расондааст.

Диссертатсияи илмии Султонзода Тоҷибой Султонӣ дар мавзӯи «Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ» таҳқиқоти комилан анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии илмӣ таълиф шудааст. Фишурдаи он ва матолиби интишорнамудаи муаллиф, ки ҳамаашон дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Диссертатсия бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ мувофиқ буда,

муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик сазовор аст.

**Доктори илмҳои филология,**
**профессори кафедраи адабиёти тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав:** **Тағаймуродов Рустам Ҳакимович**

**Нишонӣ:**
*735140, ш. Бохтар, кӯчаи Дӯстии халқҳо, хонаи 56/22*
*Тел.:+992-904-10-55-22.*

**Имзои Тағаймуродов Рустам**
**Ҳакимовичро тасдиқ мекунам,**
**сардори шуъбаи кадрҳои ДДБ**
**ба номи Носири Хусрав:** **Шукурзод Ҷ.А.**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ» ШУЪБАИ КАДРҲО

**Суроға:**
735140, ш. Бохтар, к. Айнӣ, 67
Тел.: (+992- 3222) 2- 45-20, 2-22-53
e-mail: bgu-1978@mail.ru
web-сайт: www.btsu.tj.

«10» 11 соли 2020.